ХУКУК ВА ОЗОДИХОИ ИНСОН

ДАР ЭЪЛОМИЯИ УМУМИИ ХУКУКИ БАШАР

Хамасола 10 декабр дар рӯйи олам хамчун Рӯзи умумичахонии хукуки инсон тачлил карда мешавад. Максади тачлили Рӯзи хукуки инсон ин ба чомеа ва ба хар як фард расонидани ахамияти эхтиром ва риояи хукуки инсон, накши хукуки инсон дар тахкиму рушди чомеа ва хаёти хар як фард мебошад. Махз дар хамин санаи таърихӣ, яъне 10 декабри соли 1948 дар шахри Парижи Фаронса аз чониби Мачмаи Умумии СММ Эъломияи умумии хукуки башар кабул гардид ва аз кабули он санади мухим то имрӯз 76 сол сипарӣ мешавад.

Инсоният хамеша дар хар давру замон харакат менамояд, ки хукук ва озодихои худро химоя кунад ва дар баробари он барои эътирофи хукукхои худ кӯшиш менамояд. Яке аз авалин эъломияхои хукуки башар, Эъломияи Куруши Кабир (590-530 т.м.) ба хисоб меравад, ки ӯ барои баробарии инсонхо ва бархам додани гуломӣ ва озодии хар як инсон баромад карда буд. Мафхуми «хукуки инсон» ба маънои муосири худ аз замони Ренессанси Аврупо (Эхёи Аврупо) замони тадричан аз байн рафтани авторитаризми феодалӣ ва консерватизми динӣ, ки дар тамоми асрхои миёна хукмфармо буд, сарчашма мегирад. Дар ин давра донишмандони аврупоӣ кӯшиш карданд, ки як навъ варианти дунявии ахлоки диниро ташаккул диханд. Махз акидахои дунявият дар давлатдорӣ аз хамин давра огоз мегардад. Дар асри XIX бошад, баъд аз Инкилоби Фаронса дар соли 1848 мачмӯи хукукхо расмӣ мегардиданд, ба монанди хукукхои шахрвандӣ, сиёсӣ, моликият, интихобот, баробархукукӣ ва гайра. Дар садсолаи XX бо баркарор гардидани чомеаи сотсиалистӣ хукукхои ичтимоӣ ва иктисодӣ ба хукукхои шахрвандӣ ва сиёсӣ: хукуки дохил шудан ба иттифокхои касаба, кор, истирохат, ёрии ичтимоӣ ва гайра илова карда шуданд. Дар Чанги Дуюми Чахон бошад, солхои 1941-1945, ки дар таърихи инсоният мудхиштарин вокеа дар таърихи инсоният буд, курбонихои зиёдеро ба бор оварда буд ва дар навбати худ чахиши бузурге дар рушди ниходи хукуки башар гардид. Ин буд, ки дар тахкими хукуки инсон ва густариши сохаи нави хукук - хукуки

байналмилалӣ замина гузошт. Махз кабул гардидани «Эъломияи умумии хукуки инсон», ки дар Ассамблеяи Созмони Милали Муттахид санаи 10 декабри соли 1948 тасдик гардидааст, кадами бузурге дар ин самт буд.

Эъломияи мазкур хуччати мухим буда, хукукхои чудонашавандаи хар як инсонро, новобаста аз нажод, ранг, чинс, забон, дин, мавкеи сиёсӣ, баромади миллӣ ё ичтимоӣ, моликият, амвол ё макоми дигар эълон кард. Эъломия иборат аз 30 модда буда, матни он имрӯз ба зиёда аз 500 забон тарчума гардидааст. Чумхурии Точикистон низ баъд аз ба даст овардани Истиклоли давлатӣ ва бо кабули Конститутсия, ба хукуку озодихои инсон ва шахрванд таваччӯхи хоса зохир менамояд. Аз чумла боби дуюми Конститутсияи Чумхурии Точикистон ба хукук, озодӣ, вазифахои асосии инсон ва шахрванд бахшида шудааст.

Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар яке аз Паёми худ ба Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон ба маврид иброз намуда буданд, ки «**Вазъи тағйирёбандаи чахони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зухуроти хатарноки замони муосир, аз чумла терроризму экстремизм, кочоки силох, гардиши гайриконунии маводи мухаддир, киберчиноятхо ва дигар чиноятхои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалахои таъмини амнияти кишвар ва хукуку озодихои инсон ва шахрванд диккати аввалиндарача дихем»**
.

Аз ин лихоз, бо дарки таъкидоти нуктахои волои Пешвои муаззами миллат, мухтарам Эмомалӣ Рахмон метавон баён намуд, ки масъалаи хифзи хукуку озодихои инсон ва шахрванд аз масъалахои мехварӣ дар сиёсати пешгирифтаи Хукумати кишвар тахти рохбарии хирадмандонаи Президенти махбубамон мебошад.

**Самандаров ФАРИДУН, ассистенти кафедраи хукукшиносонии Донишгохи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллохи Рӯдакӣ**